Искандар Ҷадид

# ДУРУСТИИ КИТОБИ МУҚАДДАС

ОВОЗИ УМЕД



# Мундаричҷа

1. Пайдоиши Китоби Муқадас…………………............ 7
2. Шаҳодати илҳоми илоҳӣ доштан………………........ 12
3. Шаҳодатҳои пайғамбарон ва ҳавворийён…………. 15
4. Шаҳодати ривоятҳо ё мероси ҳавворийён………… 17
5. Шаҳодати дастхатҳои қадимӣ…………...……...... 23
6. Шаҳодати лӯлапечҳои қадимӣ……….......................26
7. Шаҳодати бостоншиносӣ…………..……….......... 29
8. Шаҳодати ислом……………....……………………. 36
9. Саволи ногузир……………………...……………….43
10. Олимони мусулмон дар бораи «таҳриф» чӣ мгӯянд?........................................... 54

TITLE: The infallibility of the Torah and the Gospel
TITEL: Die Unfehlbarkeit der Thora und des Evangeliums
RB 4003 R
All rights reserved

© Овози умед – Stimme der Hoffnung – Postfach 28 – 99801 Eisenach (Олмон)



# МУҚАДДИМА

Ҳазорҳо сол пеш Худо ба воситаи Мусо ба халқ фармуда буд «Ба он чи ман ба шумо мефармоям, чизе илова нанамоед, ва чизе аз он кам накунед, балки фақат аҳкоми Парвардигор Худои худро, ки ман ба шумо мефармоям, риоя намоед» (Такрори Шариат 4:2). Ин фармон дар ҳамон китоб такрор мешавад: «Ҳар он чи ман ба шумо мефармоям, саъю кӯшиш намуда онро ба амал оваред; чизе бар он илова нанамоед ва чизе аз он кам накунед» (Такрори Шариат 12:32).

Пас аз чандин садсолаҳо Сулаймон шаҳодат медиҳад: «Ҳар сухани Худо покиза аст; Ӯ барои онҳое ки ба Ӯ паноҳ мебаранд, сипар аст. Ба суханони Ӯ чизе илова накун: мабодо туро мазаммат намояд, ва ту дурӯғгӯй шавӣ» (Масалҳо 30:5,6).

Дар саҳифаи охирини Китоби Муқаддас мо ин огоҳии ҷиддиро меёбем: «Ман низ ба ҳар касе ки суханони нубуввати ин китобро мешунавад, шаҳодат медиҳам: агар касе ба онҳо чизе илова намояд, Худо ба ӯ балоҳое илова хоҳад кард, ки дар бораи онҳо дар ин китоб навишта шудааст. Ва агар касе аз суханони ин китоби нубувват чизе кам кунад, Худо насиби ӯро аз дарахти ҳаёт ва аз шаҳри муқаддас ва аз ҳар чизе ки дар ин китоб навишта шудааст, кам хоҳад кард» (Ваҳй 22:18,19).

Пас аз чунин огоҳиҳои қатъӣ оё ягон кас, ки ба Худо ва китобҳои Ӯ имон дорад, ҷуръат мекунад, то Каломи Худоро таҳриф намояд ва ҳуқуқи худро ба он

баракатҳое ки Парвардигор барои вафодорони Худ омода намудааст, ҳуқуқро ба ваъдаи наҷот ва ҳаёти абадӣ, ки Худо ба инсоният додааст, аз даст диҳад? Агар сухан дар бораи беимонон равад, онҳо қудрат надоранд китобҳои илоҳиро таҳриф намоянд, зеро ҳазорҳо нусхаҳоро, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудаанд, сохтакорӣ карда наметавонанд.

Бадбахтона, дар айёми охирин одамон ҳаввориёни бегуноҳи Масеҳро дар таҳрифи Инҷил, ки ба онҳо супурда шудааст, айбдор хоҳанд кард, ва ҳамин тариқ на танҳо Навиштаи Муқаддас, балки ҳамчунин Қуръони мусулмононро, ки дар бораи бовиҷдонии ҳавворийён шаҳодат дода, онҳоро «мададгорон»-и Худ меномад, рад хоҳанд намуд (Сураи 3:52).

Ҳамчунин бисёр далелҳои дурустии Китоби Муқаддас ва аз таҳриф ва сохтакорӣ озод будани он ҳастанд. Дар ин бора дар поён сухан меравад.



# ПАЙДОИШИ КИТОБИ МУҚАДДАС

Худо бо ҷиддият назорат менамояд, ки Китоби Ӯ тадриҷан бо тамоми ҳикматаш кушода шавад. Касоне ки Аҳди Қадимро омӯхтаанд, пай буда метавонанд, ки он таърихи ҷаҳонро ба се давра тақсим мекунад.

## Давраи аввал: аз Одам то Мусо

Навиштаи Муқаддас, ки бо илҳоми илоҳӣ навишта шудааст, ба мо нақл мекунад, ки Худо ҳамаи ҳайвонот ва парандагонро назди Одам овард, то ки бубинад, ки ӯ онҳоро чӣ гуна ном мегузорад (Ҳастӣ 2:19). Аммо дар ин порча ҳанӯз гуфта нашудааст, ки дар ибтидо Худо бо инсон чӣ гуна гап мезад. Мо фақат тахмин карда метавонем, зеро аз ин воқеаҳо моро ҳазорон солҳо ҷудо мекунанд.

Мо аниқ намедонем, ки Худо кай Худро ба одамон ошкор кардан гирифт, аммо Китоби Муқаддас барои баъзе хулосаҳо баровардан ёрӣ медиҳад. Ҳанӯх, ки дар боби 5-уми китоби «Ҳастӣ» зикр мешавад, ба қавли ҳавворӣ Яҳудо, пас аз Одам насли ҳафтум буд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Ҳанӯх «пеши Худо роҳ мерафт». Шубҳае нест, ки ин пайғамбар маълумотҳоро дар хусуси гузашта ба даст овард, ва мувофиқи насабномаи Китоби Муқаддас, ӯ Одамро мешинохт ва бо ӯ гуфтугӯ карда буд. Матушолаҳ, писари Ҳанӯх, то замони Нӯҳ умр ба сар бурд ва росткор буд.

Бе шубҳа, Нӯҳ, ки росткорӣ ва ҳақиқатро мавъиза менамуд, ваҳйҳои илоҳии ба ӯ маълумро ба наслҳои пас аз тӯфон расонда буд (2Петрус 2:5).

Сом, писари Нӯҳ, то замони Иброҳим умр ба сар бурд (Ҳастӣ 10:21 ва 11:10,26). Китоби Муқаддас ба мо хабар медиҳад, ки маълумотҳои муқаддас ба Иброҳим дода шуда буданд. Дар Нома ба Ғалотиён 3:8 мо ин суханонро мехонем: «Ва Навиштаҳо чун пешбинӣ намуд, ки Худо халқҳоро ба воситаи имон сафед мекунад, пешакӣ ба Иброҳим башорат дода гуфт: "Дар ту ҳамаи халқҳо баракат хоҳанд хост"». Ин оят моро бовар мекунонад, ки Иброҳим дар хусуси воқеаҳои гузашта маълумоти равшан дошт ва ӯ дар навбати худ он чиро, ки медонист, ба писаронаш нақл намуд. Дар Ҳастӣ 18:19 мо мехонем: «Зеро ӯро барои он шинохтаам, ки фарзандони худро, ва аҳли хонаи худро баъд аз худ амр хоҳад фармуд, ки роҳи Парвардигорро риоя карда, адлу инсофро ба амал оваранд, то ки Парвардигор он чи дар ҳаққи Иброҳим гуфтааст, ба вай бирасонад». Аз ин матн аён аст, ки ба муттасилии нақли ривояи шифоҳӣ аз Иброҳим то Мусо ноил шудан душвор набуд.

**Даврaи дуюм: Наслҳо дар замони ҳаёти Мусо**

Аз китоби «Хуруҷ» сар карда, Навиштаи Муқаддас солномаи воқеаҳоро мувофиқи фармудаи Худо, ки ба Мусо дода шуда буд, бо ҷузъиёт сабт мекунад. Мо мехонем: «Ва Парвардигор ба Мусо гуфт: "Инро барои ёдгорӣ дар китоб бинавис"» (Хуруҷ 17:14).

Мо аниқ медонем, ки Мусо «Ва китоби аҳдро гирифта, дар ҳузури қавм хонд» (Хуруҷ 24:7), ва «Мусо ҷойҳои баромади онҳоро барои сафарҳошон, ки бо фармони Парвардигор ба амал оварданд, навишт» (Ададҳо 33:2). Мо ҳамчунин хондем, ки «Ва ҳангоме

ки Мусо навиштани суханони ин шариатро дар китоб комилан ба анҷом расонид, Мусо ба левизодагоне ки сандуқи паймони Парвардигорро мебардоштанд, фармуда, гуфт: "Ин китоби шариатро бигиред, ва онро дар паҳлуи сандуқи паймони Парвардигор Худои худ бимонед, то ки он дар он ҷо шаҳодате бар ту бошад"» (Такрори Шариат 31:24-26).

**Давраи сеюм: аз Еҳушаъ ибни Нун то Малокӣ**

Худо ба Еҳушаъ ибни Нун гуфт: «Бигзор ин китоби шариат аз даҳони ту дур нашавад, ва онро ту рӯзу шаб биомӯз, то бо риояи ҳар он чи дар он навишта шудааст, амал намоӣ, зеро ки он гоҳ дар роҳҳои худ комёб гардида, муваффақият ба даст хоҳӣ овард» (Еҳушаъ ибни Нун 1:8). «Ва Еҳушаъ ин суханонро дар китоби шариати Худо навишт» (Еҳушаъ ибни Нун 24:26).

«Ва Самуил таомули подшоҳиро ба қавм баён намуда, дар китобе навишт, ва онро пеши Парвардигор гузошт» (1Подш. 10:25).

Дар охири давраи подшоҳон, дар замони подшоҳии Йӯшиёҳу, Навиштаи Муқаддас аз нав эҳё мегардад, ҳангоме ки бо фармоми саркоҳин Ҳилқиё онро котиб Шофон хонд (4Подшоҳон 22:8-13).

Пайғамбар Ишаъё халқи худро даъват менамуд, ки ба Каломи Худо бозгарданд ва аз он иқтибосҳо оварда, бехато будани Навиштаи Муқаддасро тасдиқ менамуд. Ӯ чунин мегуфт: «Китоби Парвардигорро бо диққат қироат намуда, хоҳед дид, ки ҳеҷ яке аз инҳо кам нахоҳад буд: яке дигареро гум нахоҳад кард; зеро

ки даҳони Ӯ амр фармудааст, ва рӯҳи Ӯ онҳоро ҷамъ намудааст» (Ишаъё 34:16).

Ба пайғамбар Ирмиё Худо фармуд, ки пайғамбариҳои худро нависад: «Тӯмори китобат барои худ бигир ва ҳамаи суханонеро, ки Ман дар бораи Исроил ва дар бораи ҳамаи халқҳо ба ту гуфтаам, аз рӯзе ки ба ту сухан рондаам, яъне аз айёми Йӯшиё то имрӯз, дар он бинавис» (Ирмиё 36:2).

Пайғамбар Дониёл дар китоби пайғамбаронаи худ дар бораи Навиштаи Муқаддас бо тантана шаҳодат медиҳад: «Ман, Дониёл, дар китобҳо ба шумораи солҳо диққат додам, ки каломи Парвардигор дар бораи он ба Ирмиёи набӣ нозил шуда буд, ки ба харобии Уршалим ҳафтод сол пур хоҳад шуд» (Дониёл 9:2).

Дар замони ҳукмронии Артаҳшасто, подшоҳи Форс, Эзро ва Наҳемё ба хизмати шариати Мусо, ки Худо ба онҳо дода буд, камар бастанд. Китоби Муқаддас мегӯяд: «Чунки Эзро дили худро ба он моил карда буд, ки Тавроти Парвардигорро маънидод кунад» (Эзро 7:10). Дар китоби Наҳемё мо мехонем: «Ва тамоми қавм, мисли як тан, дар майдони пеши дарвозаи Об ҷамъ шуданд, ва ба Эзрои китобдон гуфтанд, ки китоби Тавроти Мусоро, ки Худо ба Исроил фармудааст, биёрад. Ва Эзрои коҳин Тавротро дар рӯзи якуми моҳи ҳафтум ба ҳузури ҷамоати иборат аз мардон ва занон ва ҳамаи онҳое ки метавонистанд бишнаванд ва бифаҳманд, овард. Ва дар майдони пеши Дарвозаи Об аз субҳидам то нисфи рӯз дар ҳузури мардон, занон ва онҳое ки метавонистанд бифаҳманд, онро хонд, ва гӯши тамоми қавм ба китоби Таврот буд» (Наҳ. 8:1-3).

«Ва сухани Парвардигор бар Закарё фурӯд омада, гуфт: “Парвардигори лашкарҳо чунин мегӯяд: аз рӯи адлу инсоф доварӣ кунед, ва ба якдигар эҳсон ва марҳамат зоҳир намоед...” Вале онҳо аз гӯш додан рӯ тофтанд, ва саркашӣ карданд, ва гӯшҳои худро кар карданд, то ки нашнаванд. Ва дили худро монанди алмос сахт карданд, то ки шариат ва суханонеро, ки Парвардигори лашкарҳо бо рӯҳи Худ ба воситаи пайғамбарони пешина фиристода буд, нашнаванд» (Закарё 7:8-12).

Малокӣ ҳамчунин дар хусуси Китоби Муқаддас сухан ронда, онро дар ояти зерин «китоби ёддошт» меномад: «Он вақт тарсгорони Парвардигор бо якдигар сухан меронданд, ва Парвардигор гӯш андохта, инро мешунид, ва ба ҳузури Ӯ ин дар китоби ёддошт, ки барои тарсгорони Парвардигор ва азиздорандагони номи Ӯ мебошад, навишта мешуд» (Малокӣ 3:16).

Он чи дар боло зикр шуд, возеҳу равшан нишон медиҳад, ки Худо ба таври хеле ҷиддӣ дар хусуси дар тӯли наслҳо маҳфуз дошта шудани Китоби Худ ғамхорӣ мекунад, ва ба воситаи Рӯҳулқудс одамони муқаддасро водор менамояд, ки нубувватҳояшонро нависанд ва некӣ ва ростиро ба инсоният таълим диҳанд.



## ШАҲОДАТИ ИЛҲОМИ ИЛОҲӢ ДОШТАН

### А. Шаҳодати Худо оид ба бетағйирии суханони ӯ

Навиштаи Муқаддас ваҳйҳо ва ваъдаҳои Худоро оид ба он дар бар мегирад, ки Каломи Ӯ ҳеҷ гоҳ гузарон нест ва тағйир намеёбад. Баъзе аз онҳо дар зер оварда мешаванд:

«Вале меҳру вафои Худро аз ӯ дур нахоҳам кард, аз вафодории Худ даст нахоҳам кашид. Паймони Худро нахоҳам шикаст, ва он чиро, ки аз даҳонам баромадааст, дигаргун нахоҳам кард» (Забур 88:34-35).

«Чунки ба ростӣ ба шумо мегӯям: то осмон ва замин аз миён наравад, ҳеҷ як ҳарфе ё нуқтае аз Таврот аз миён нахоҳад рафт, то даме ки ҳамааш иҷро шавад» (Матто 5:18).

«Ба ростӣ ба шумо мегӯям: то ин ҳама рӯй надиҳад, ин насл нахоҳад даргузашт. Осмону замин гузарон аст, лекин каломи Ман гузарон нест» (Матто 24:34,35).

«Навишта наметавонад ботил шавад» (Юҳ. 10:35).

### Б. Шаҳодати Худо ба пайғамбарон

Худо ба пайғамбар Ирмиё гуфт: «Аз онҳо натарс... Инак, суханони Худро дар даҳони ту гузоштам» (Ирмиё 1:8,9).

Худо ба пайғамбар Ишаъё гуфта буд: «Ва Ман, чунин аст паймони Ман бо онҳо, – мегӯяд Парвардигор: Рӯҳи Ман, ки бар туст, ва каломи Ман, ки Ман дар даҳони ту гузоштаам, аз даҳони ту, ва аз даҳони насли ту, ва

аз даҳони насли насли ту дур нахоҳад шуд, – мегӯяд Парвардигор, – аз алҳол ва то абад» (Ишаъё 59:21).

Худо ба пайғамбар Ҳизқиёл мефармояд: «Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Бар пойҳои худ биист, ва Ман бо ту сухан хоҳам ронд». Ва ҳангоме ки ба ман сухан меронд, Рӯҳи Худо ба ман дохил шуда, маро бар пойҳоям бархезонид, ва ман Ӯро, ки ба ман сухан меронд, шунидам. Ва ба ман гуфт: «Эй писари одам! Ман туро назди банӣ Исроил мефиристам, назди сибтҳои исёнгаре ки ба Ман осӣ шудаанд… аз онҳо натарс ва аз суханони онҳо ҳаросон нашав, зеро ки хорҳо ва нешҳо дар гирди ту ҳастанд, ва ту дар миёни каждумон нишастаӣ; лекин аз суханони онҳо ҳаросон нашав ва аз рӯйҳои онҳо натарс… даҳони худро бикшо ва он чиро, ки Ман ба ту медиҳам, бихӯр» (Ҳизқиёл 2:1-8).

Худо ба пайғамбар Малокӣ муроҷиат намуда, гуфтааст: «Ва хоҳед донист, ки Ман ин ҳукмро ба шумо фиристодаам, то ки паймони Ман бо Левӣ қоим бошад, мегӯяд Парвардигори лашкарҳо. Паймони Ман бо ӯ паймони ҳаёт ва осоиштагӣ буд, ва Ман онҳоро ба хотири тарси ӯ ба ӯ додам, ва ӯ аз Ман метарсид, ва аз номи Ман ларзон буд. Шариати ҳақиқат дар даҳони ӯ буд, ва ноинсофӣ бар лабҳояш ёфт намешуд; дар осоиштагӣ ва ростӣ ба ҳузури Ман рафтор менамуд, ва касони бисёрро аз гуноҳ боздошт» (Малокӣ 2:4-6).

Ҳамчунин Худо ба пайғамбар Закарё мегӯяд: «Аммо суханони Ман ва қоидаҳои Ман, ки ба бандагони Худ пайғамбарон фармуда будам, магар ба сари падарони

шумо наомаданд? Ва онҳо баргаштанд ва гуфтанд: “Чунон ки Парвардигори лашкарҳо қарор дода буд, ки бо мо мувофиқи роҳҳоямон ва корҳоямон амал намояд, ончунон бо мо амал намуд”» (Закарё 1:6).



## ШАҲОДАТИ ПАЙҒАМБАРОН ВА ҲАВВОРИЁН

Пайғамбарон ва ҳавворийён шаҳодат медоданд, ки Худо бо онҳо сухан мегуфт ва ба онҳо илҳом дод, ки пайғамбариҳо ва таълимотро нависанд, то ки онҳо барои инсоният қонуни абадӣ шаванд. Дар зер мо як қисми ин шаҳодатҳоро иқтибос меоварем.

Пайғамбар Довуд гуфтааст: «Рӯҳи Худо дар ман сухан ронд, ва сухани Ӯ бар забони ман аст» (2Подш. 23:2).

Пайғамбар Ишаё менависад: «Қавм низ алаф ҳастанд. Алаф хушк мешавад, гул пажмурда мегардад, вале каломи Худои мо то абад қоим хоҳад буд» (Ишаъё 40:7,8).

«Китоби Парвардигорро бодиққат қироат намуда, хоҳед дид, ки ҳеҷ яке аз инҳо кам нахоҳад буд: яке дигареро гум нахоҳад кард; зеро ки даҳони Ӯ амр фармудааст, ва рӯҳи Ӯ онҳоро ҷамъ намудааст» (Ишаъё 34:16).

Пайғамбар Ирмиё навиштааст: «Ва каломи Парвардигор бар ман нозил шуда, гуфт: "Эй Ирмиё, чӣ чизе ту мебинӣ?" Ва ман гуфтам: "Шохаи дарахти бодомро мебинам". Ва Парвардигор ба ман гуфт: «Хуб дидаӣ; зеро ки Ман бар каломи Худ ба хубӣ диққат мекунам, то ки онро ба амал оварам» (Ирмиё 1:11-12).

Пайғамбар Ҳизқиёл тасвир менамояд: «Ва чунин воқеъ шуд, ки баъд аз гузаштани ҳафт рӯз каломи Парвардигор бар ман нозил шуда, гуфт: "Эй писари

одам! Ман туро барои хонадони Исроил дидбон таъин намудаам, ва ту каломро аз даҳони Ман шунида, онҳоро аз Ман огоҳ хоҳӣ намуд”» (Ҳизқиёл 3:16-17).

Исои Масеҳ ба ҳаввориёни Худ мегӯяд: «Чунки гӯянда шумо нестед, балки Рӯҳи Падари шумост, ки дар шумо гӯянда аст» (Матто 10:20).

Ҳаввории Павлус шаҳодат медиҳад: «Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем, ва инро на бо суханоне ки ҳикмати инсон таълим додааст бидонем, балки бо суханоне ки Рӯҳулқудс таълим додааст, мегӯем ва рӯҳиётро бар тибқи рӯҳ таъбир мекунем» (1Қӯр. 2:12-13).

Ҳаввории Петрус менависад: «Зеро ки ҳар ҷисм мисли алаф аст, ва ҳар ҷалоли одамӣ мисли гули алаф; алаф хушк мешавад, ва гули он мерезад; аммо каломи Худованд то абад боқист» (1Пет. 1:24,25). «Ҳеҷ як нубуввати Навиштаҳо тафсири шахсиро раво намедонад; зеро ки ҳаргиз нубувват бо хости одамизод ба забон ронда нашудааст, балки муқаддасони Худо, бо таҳрики Рӯҳулқудс, онро ба забон рондаанд» (2Пет. 1:20,21).

## ШАҲОДАТИ РИВОЯТҲО Ё МЕРОСИ ҲАВВОРИЁН

Аз таърих мо медонем, ки муаллимони дин – ҳамзамонони ҳаввориён, ва касоне ки дар хизмати коҳинӣ онҳоро иваз намуданд, дар мавъизаҳо ва асарҳои худ аз Китоби Муқаддас ва хусусан аз Инҷил иқтибосҳо меоварданд, зеро онҳо боварӣ доштанд, ки ин китобҳо илоҳӣ буда, бо илҳоми Худо навишта шудаанд, ва аз ҳамин сабаб ҳатмӣ, ҳаққонӣ мебошанд. Баъзеи онҳоро номбар мекунем.

Климент, усқуфи Рум, ки ҳамроҳи Павлус кор мекард, чунон, ки дар Нома ба Филиппиён 4:3 дар ин бора зикр мешавад.

Дионисий, усқуфи Қӯринтус, ки дар соли 10-уми милодӣ вафот кардааст.

Ҳермис, ҳамзамони Павлус, ки ӯ китобе иборат аз се ҷилд навиштааст, ки дар он бисёр иқтибосҳо аз Аҳди Ҷадид ҳастанд.

Игнатий, ки аз соли 60 то 107, яъне баъди ба осмон бурда шудани Масеҳ усқуф буд.

Риёзаткаш Поликарп, пайрави ҳаввори Юҳанно, усқуфи Исмирно. Ӯро дар соли 166 азоб дода куштанд. Танҳо як асари ӯ боқӣ мондааст, ки аз ҳар чор Инҷил иқтибосҳои зиёд дорад.

Илова ба он чи зикр шуд, ҳамчунин падарони Калисои асри II буданд, ки барои тасдиқи таълимоти худ аз Китоби Муқаддас иқтибосҳо меоварданд:

Папий, усқуфи калисои Ҳирапӯлис дар Фриҷия, ки ҳамчун олими лаёқатманд тақрибан дар соли 110-уми милодӣ маълум буд, бо Поликарп вомехӯрд ва шаш ҷилд тафсир ба Китоби Муқаддас навиштааст. Ӯ хабар медиҳад, ки дар калисоҳои юнонӣ Инҷилҳо дар истифода буданд ва Марқус, муаллифи яке аз онҳо, ёрдамчии Петрус буд ва китоби ӯ дар байни масеҳиён буд.

Риёзаткаш Юстин, соли таваллудаш 89-уми милодӣ, пеш аз имон овардан файласуфи бутпараст буд, аммо ҷустуҷӯи ҳақиқат ӯро ба масеҳият овард. Ин мутафаккири маъруф ба ҳимояи масеҳият бисёр китобҳо навиштааст, ва апологетикаи худро дар асоси чор Инҷил бунёд намудааст. Дар яке аз китобҳо ӯ зикр мекунад, ки дар калисоҳои Рум, Искандария ва Эфесус будааст, ва дар омади гап зикр намудааст, ки масеҳиён, Худоро парастиш намуда, дар ҷамъомад Инҷилҳоро бо овози баланд мехонанд.

Эгиус, ки 30 сол пас аз марги Юстин маъруф гардид. Шаҳодати ӯ аҳамияти бузург дорад, чунки ӯ аз Фаластин то Рум сафарҳо карда, бо бисёр усқуфҳо вохӯрдааст. Ӯ зикр мекунад, ки дар ҳама ҷо масеҳиёнеро медид, ки як таълимоти дар шариат, пайғамбарон ва таълимоти Худованд Исои Масеҳ асосёфтаро меомӯхтанд.

Ириней, юнонӣ аз Осиёи Хурд, дар соли 140 милодӣ таваллуд шудааст. Ӯ пайрави Поликарп буд, ки дар навбати худ шогирди ҳаввори Юҳанно буд. Маркази фаъолияти ӯ дар Лион буд, ки ӯ дар он ҷо ба мақоми усқуфӣ муқаррар карда шуда буд. Ӯ Номае навиштааст,

ки пур аз иқтибосҳо аз Инҷилҳо мебошад. Дар як ҷой ӯ менависад: «Оиди наҷотамон мо на аз каси дигар фаҳмидаем, балки аз касоне ки Инҷил ба воситаи онҳо ба мо расидааст, ки онро онҳо ҳамон вақт мавъиза менамуданд, ва баъд бо хости Худо, дар Навиштаҳо ба мо расондаанд».

Ҳамин тавр, Матто барои яҳудиён ба забони онҳо Инҷилро навишт, Петрус ва Павлус бошанд дар Рум башорат медоданд ва Калисо барпо намуданд. Пас аз вафоти онҳо Марқус, шогирд ва ҳамкори Петрус, он чиро, ки Петрус мавъиза мекард, ба таври хаттӣ ба мо расонд. Луқо, духтур ва ҳамсафари Павлус, Инҷили худро мувофиқи мавъизаҳои Павлус навишт. Пас аз ин Юҳанно, шогирди Худованд, ки дар сандуқи синаи Ӯ такя мезад, ҳангоми дар Эфесуси Осиё буданаш ҳамчунин Инҷили худро навишт.

Ин олими олиҷаноб илова мекунад: «Таълимоте ки ҳаввориён мавъиза мекарданд, дар тамоми ҷаҳон паҳн шуд. Муҳаққиқи беғараз боварӣ ҳосил менамояд, ки ҳар як калисо шаҳодатҳои онҳоро қадр мекунад ва онҳоро муқаддас меҳисобад».

Сипас ӯ менависад: «Мо бояд касонеро, ки ҳаввориён роҳбарони калисоҳо таъйин намудаанд, ва онҳоеро ки то худи замони мо ворисони онҳо буданд, дар ёд нигоҳ дорем. Ба шарофати ин силсилаи қатънашавандаи изҳороти боэътибор мо нақлро дар хусуси таълимот оид ба ҳақиқат дар он шакле ки Инҷилҳо мавъиза мекунанд, ба даст овардаем».

Усқуф Клименти Искандариягӣ 16 сол пас аз Ириней зиндагӣ кардааст. Ӯ шаҳодат медиҳад, ки ҳамаи калисоҳо ба чор Инҷил бовар мекарданд. Ин олим Инҷилро дар корҳои худ иқтибос меовард ва изҳор менамуд, ки «Ҳар чор Инҷил ҳаққонӣ мебошанд».

Тертуллиан дар соли 160-уми милодӣ таваллуд шуда, тақрибан дар соли 220 вафот кардааст. Ин олим дар бораи ҳавворийён чунин навиштааст: «Юҳанно ва Матто ба мо имонро таълим медиҳанд, Луқо ва Марқус пок мекунанд ва рӯҳбаланд менамоянд». Калисоҳоеро, ки Павлус дар Қӯринтус, Ғалотия, Эфесус, Филиппӣ ва Тасолӯникӣ таъсис дода буд, калисоҳои таъсисдодаи Юҳанно, ва калисои Румро, ки Петрус ва Павлус таъсис дода буданд, номбар намуда, ӯ хулоса мебарорад: «Калисо аз худи аввал чор Инҷилро истифода мебурд». Ӯ ҳамчунин менависад: «Мо, масеҳийён, ҷамъ мешавем, то ки якҷоя Навиштаи Муқаддасро хонем ва имонамонро устувор гардонем, дар умедҳоямон устувор гардем ва бовариямонро ба Каломи Муқаддас мустаҳкам намоем».

Аз ҳамаи он чи гуфта шуд, бармеояд, ки:

а) Падарони рӯҳонии масеҳият, ҳам ҳамзамонони ҳавворийён, ҳам пайравони онҳо, ҳамаи олимони барҷаста дар мавъизаҳои ҳаррӯза ва асарҳои хаттии худ матнҳои Навиштаи Муқаддасро иқтибос меоварданд.

б) Муносибати онҳо ба Китоби Муқаддас ва иқтибос намудани он нишон медиҳанд, ки онҳо ба

эътиборнокии босуботи он боварии амиқ доштанд.

в) Онҳо ҳангоми парастиши ҷамъиятӣ Навиштаи Муқаддасро мехонданд ва онро маънидод менамуданд.

г) Онҳо ба Китоби Муқаддас тафсирҳои бисёрҷилда навишта, мувофиқати хабарҳои инҷилнависонро (муаллифони Инҷилҳоро), ки бо илҳоми Рӯҳулқудс менавиштанд, тасдиқ кардаанд.

д) Ҳамаи масеҳиён, новобаста ба дини пештара ва миллаташон, аз худи аввал ба Китоби Муқаддас бовар мекарданд.



## ШАҲОДАТИ ДАСТХАТҲОИ ҚАДИМӢ

Дар байни ганҷҳое ки масеҳиён маҳфуз медоранд, дастхатҳое ҳастанд, ки ба давраи таърихии хеле пеш пеш аз пайдо шудани ислом мансуб мебошанд.

**Кодекси Искандариягӣ**, ки аз рӯи шаҳре ки дар он ҷо навишта шудааст, чунин ном дорад. Онро патриархи Константинопол Кирилл дар соли 1628 ба подшоҳи Англия Чарлз пешкаш намуда буд. Кирилл онро аз Искандария, ки пеш ӯ дар он ҷо патриарх буд, оварда буд. Он ба забони юнонӣ навишта шуда, ҳамаи қисмҳои Китоби Муқаддасро, ҳам Аҳди Қадим, ҳам Аҳди Ҷадидро дар бар мегирад. Дар саҳифаи якум, дар ҳошия зикр шудааast, ки тамоми китобро Такла ном зани ашрофзодаи мисрӣ тақрибан дар соли 325-уми милодӣ нусхабардорӣ кардааст. Дар рӯ ба рӯи ин суханон партиарх Кирилл бо дасти худ навиштааст, ки ба фикри ӯ, сана дуруст зикр шудааст. Ҳуҷҷат бо хати хоно дар пергамент навишта шудааст, ҳар як саҳифа ба ду сутун тақсим карда шудааст, дар ҳар сутун 50 сатр ҳаст. Ҳозир он дар Осорхонаи Британия дар Лондон мебошад.

**Кодекси Ватикан** аз он сабаб чунин номида шудааст, ки дар китобхонаи Ватикан нигоҳ дошта мешавад. Он дар пергаменти аълосифат бо хати хонои майдаи стандартӣ навишта шудааст. Дар ҳар як саҳифа се сутун ҳаст, ки ҳар яке 42 сатр дорад. Дар ин дастнавис, ки ба забони юнонӣ навишта шудааст, ҳамаи қисмҳои Китоби Муқаддас ҳастанд. Олимон чунин меҳисобанд, ки он тақрибан дар соли 300-уми милодӣ навишта

шудааст.

**Кодекси Сино**, ки аз ҷиҳати соли навишта шудан бо кодекси Ватикан рақобат дорад, ва эҳтимол ҳатто андаке пештар навишта шудааст. Муқоисаи ин матнҳо аҳамияти зиёд дорад. Ин дастхат аз он сабаб Кодекси Сино номида шудааст, ки Тишендорф ном олим дар соли 1844 дар кӯҳе дар нимҷазираи Сино дар дайри Екатеринаи муқаддас ёфта буд. Он бо хати калони хонои стандартӣ дар пергаменти тунук навишта шудааст, дар ҳар саҳифа чор сутун ҳаст. Онро олим ба подшоҳи Русия Александр пешкаш намуда буд ва китоб то инқилоб дар Русия буд. Баъд он ба Осорхонаи Британия фурӯхта шуд ва то ҳол дар он ҷо маҳфуз дошта мешавад.

**Кодекси Ефрем** дар Китобхонаи миллӣ дар Париж мебошад. Он ҳамаи қисмҳои Китоби Муқаддасро ба забони юнонӣ дар бар мегирад. Он дар пергамент бо хати олидараҷа бе аломатҳои китобатӣ ва фосилаҳо навишта шудааст, ҳарфи аввали ҳар сатр аз ҳарфҳои дигар калонтар аст. Он тақрибан ба соли 450-уми милодӣ тааллуқ дорад.

Ҳамаи ин дастхатҳои қадимӣ ба касоне ки Навиштаи Муқаддасро сохтакоришуда ҳисобидан мехоҳанд, ҷавоб медиҳанд, ва нишон медиҳанд, ки он дуруст аст, чунки пеш аз Қуръон навишта шудааст. Китоби Муқаддас, ки мо ҳозир истифода мебарем, аз нусхаҳои қадимӣ ҳеҷ фарқ надорад.



## ШАҲОДАТИ ЛӮЛАПЕЧҲОИ ҚАДИМӢ

а) *Лӯлапечҳои Қумрон*

Дар байни ганҷҳое ки дар соли 1947 дар мағораҳои Қумрон дар Урдун ёфт шудаанд, *лӯлапечи* пурраи китоби пайғамбар Ишаъё ҳаст, ки дар пергаменти тунук ба забони ибронии қадим навишта шудааст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ин *лӯлапеч* ба асри дуюми то милод тааллуқ дорад. Муҳаққиқоне ки онро тадқиқ намудаанд, исбот намудаанд, ки матни он аз он ки мо ҳозир медонем, фарқ надорад. Дар мағораҳои Қумрон ҳамчунин нусхаҳои китобҳои Ибодат, Айюб, Забур ва Ҳабаққуқ ёфт шудаанд, матни онҳо ҳамчунин бо он чи мо ҳозир истифода мебарем, мувофиқати пурра дорад. Ғайр аз ин, рӯйхати китобҳои Аҳди Қадим ёфт шуд, ки ба ғайр аз китоби Эстер, ҳамаи китобҳоеро, ки ба Китоби Муқаддаси ҳозира дохил мешаванд, дар бар мегиранд.

б) *Лӯлапечҳои Арсоин*

Дарс соли 1877 дар маҳалле ҷанубтар аз Қоҳира дар регзор бисёр ҳуҷҷатҳои дар папирус навишташуда ёфт шуданд; дар байни онҳо як қисми Инҷили Юҳанно ҳаст, ки аз матне ки мо ҳозир истифода мебарем, ҳеҷ фарқ надорад.

в) *Лӯлапечҳои Сино*

Ба қарибӣ дар дайри Екатеринаи муқаддас (Санта-Катарина) дар нимҷазираи Сино нусхаҳои чор Инҷил

ва забони сурёнӣ ёфт шудаанд. Онҳо дар охири асри 4-ум навишта шудаанд ва нусхаи тарҷумае мебошанд, ки масеҳиён дар асри дуюми милодӣ кардаанд. Ин матнҳо низ бо матнҳои ҳозира як мебошанд.

Ҳамин тариқ, ҳафриёте ки дастхатҳои қадимиро ошкор намудаанд, дурустии Китоби Муқаддасро ба таври олидарача тасдиқ мекунанд. Қариб боварнокарданист, ки Китоби илоҳӣ то ҷузъиёти охирин бо таърих мувофиқат дорад. Мо интизори он ҳастем, ки бозёфтҳои дигаре низ пайдо хоҳанд шуд. Бостоншиносон дар ҳафриёт бо шиддат меҳнат мекунанд, аммо ҳама чиз аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барои мунаққидоне ки Аҳди Ҷадид ва санаи навишта шудани китобҳои онро рад мекунанд, ҳеҷ асосе боқӣ намондааст. Шубҳае нест, ки мувофиқати пурра байни дастхатҳои ёфтшуда ва матнҳои Китоби Муқаддас далели устувортарини дурустии ваҳйҳои илоҳӣ ва бовиҷдонии нависандагони онҳо мебошад.

Бостоншинос доктор Олбрайт мегӯяд: «Ба шарофати дастхатҳои Қумрон мо имрӯз боварӣ дошта метавонем, ки Аҳди Ҷадид дар замони мо ҳамон гуна мебошад, ки дар ибтидо буд, ва ин таълимоти Масеҳ ва ҳавворийёни Ӯро дар бар мегирад. Санаи навишта шудани Аҳди Ҷадид ба давраи байни солҳои 25 ва 80-уми милодӣ тааллуқ дорад».



## ШАҲОДАТИ БОСТОНШИНОСӢ

Аз замонҳои қадим Навиштаи Муқаддас объекти ҳуҷумҳои атеистҳо ва бутпарастон буд, зеро Каломи Худо бо ҷаҳонбинии онҳо мувофиқат надошт. Бисёрии онҳо кӯшиш мекарданд дар харобазорҳои қадима, лавҳачаҳо ва катибаҳо чизеро дарёфт намоянд, ки ба Китоби Муқаддас мухолифат дошта бошад, аммо бозёфтҳо онҳоро ноумед гардонданд. Навиштаҷотҳое ки бостоншиносон дар Фаластин ва Байнаннаҳрайн ёфтаанд, Китоби Муқаддасро то ба он дараҷа тасдиқ намуданд, ки бисёр атеистҳо имондор шуданд (зеро бозёфтҳои бостоншиносон дурустии матни Китоби Муқаддасро тасдиқ мекунанд).

Дар байни бостоншиносон ақидае ҳаст, ки то соли 540 то милод дар Фаластин хат маълум набуд. Ин маънои онро дорад, ки Мусо ва дигар шахсиятҳои Аҳди Қадим китобҳои ба онҳо мансуб донисташавандаро худашон нанавиштаанд. Шаккокон мегӯянд, ки муаллифони Таврот (Панҷкитоб) ҳангоми тасвир намудани воқеаҳо ва сатҳи фарҳангии халқҳои Шарқи Наздик хеле муболиға кардаанд.

Аммо бозёфтҳои ҳозиразамон ин назарияҳоро пурра рад карда, дар айни замон дурустии маълумотҳои Навиштаи Муқаддасро дар бораи фарҳанги Миср, Бобил ва Сурия ва оид ба подшоҳон Санҳериб, Тиҷлат-Филносар, Набукаднесар ва дигарон тасдиқ намудаанд.

Мо хурсандем, ки ин кашфиётҳо ба мо имкон додаанд, лавҳачаҳоеро бинем, ки дар онҳо ҳарфҳои

истифодабурдаи Мусо, Исо, Ишаъё, Самуил ва дигарон сабт ёфтаанд ва мо акнун боварӣ дорем, ки хат дар замони Иброҳим, Мусо, Айюб ва Наҳемё, чун дар замони мо, маълум буд.

Мо хурсандем, ки суханони Масеҳ дар бораи он ки «сангҳо сухан мегӯянд», дар замони мо иҷро шудаанд. Дар ҳақиқат, катибаҳои дар онҳо ҳаккокишуда оид ба воқеаҳои муҳимтарине ки дар Китоби Муқаддас зикр шудаанд, нақл мекунанд.

а) Ҳикоят дар бораи офариниши олам

Сабтҳои бобилӣ ва сурёнӣ ҳикоятеро дар бораи офариниш дар бар мегиранд, ки ғайр аз фарқиятҳои ночизи забонӣ, бо Китоби Муқаддас мувофиқати пурра дорад. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст: «Ва Худо ду нурдиҳандаи бузург ба вуҷуд овард: нурдиҳандаи калонтар, барои ҳукмронӣ бар рӯз, ва нурдиҳандаи хурдтар, барои ҳукмронӣ бар шаб, ва ситорагон» (Ҳастӣ 1:16). Сабтҳои бобилӣ чунин мегӯянд: «Худо туманот ва ситораҳоро офарид». Китоби Муқаддас хабар медиҳад, ки Худо ҳайвонот ва хазандагони заминро «мувофиқи ҷинсашон» офарид (Ҳастӣ 1:24), ва дар лавҳачаҳои бобилӣ гуфта шудааст: «Худоён ин ҳайвонотро офариданд». Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст: «Ва Парвардигор Худо одамро аз хоки замин бисиришт» (Ҳастӣ 2:7), дар лавҳачаи бобилӣ бошад мехонем: «Худо Мардук инсонро аз гӯшт ва устухон офарид».

б) Монотеизм ва политеизм

Китоби Муқаддас нақл мекунад, ки одамон аз имон дур шуданд, аз Худои зинда даст кашиданд, худоёни бисёрро парастиш намуданд ва пайғамбарон кӯшиш мекарданд онҳоро ба парастиши Худои ягона бозгардонанд; дар айни замон оилмони шаккок мегӯянд, ки инсон аз худи аввал политеист (парастандаи худоёни бисёр) буд. То доктор Герберт, бостоншинос ва профессори таърихи Ашшур дар донишгоҳи Оксфорд, ки онро рад намуд, ин назарияро бисёр олимон дастгирӣ менамуданд. Ин олим исбот намуд, ки дар минтақаҳои Шарқи Наздик ва Байнаннаҳрайн монотеизм пеш аз политеизм вуҷуд дошт.

Кашфиёти ҳозиразамон ҳамчунин нодурустии он нуқтаи назарро (ки баъзе доираҳои олимон онро дастгирӣ мекунанд) нишон доданд, ки гӯё то пайғамбарони асрҳои 7–8-и пеш аз милод монотеизм дар байни яҳудиён маълум набуд. Бисёр сарчашмаҳо тасдиқ намудаанд, ки хеле пештар аз он ки яҳудиён ба сарзамини Канъон ворид шаванд, Мусо ба яҳудиён таълим медод, ки Худо ягона аст.

в) Ҳикоят дар бораи обхезии умумиҷаҳонӣ (тӯфон)

Бостоншиносӣ ба мо ҳикояти олидараҷаеро дар хусуси обхезии умумиҷаҳонӣ додааст. Лавҳачаҳои бобилӣ, ки бо хати мехӣ навишта шудаанд, дар бораи он бо мувофиқати пурра ба китоби «Ҳастӣ» нақл мекунанд. Ҳам ин ва ҳам он ҳуҷҷат зикр мекунанд, ки обхезии умумиҷаҳонӣ дар натиҷаи нақшаи Худо рӯй

дод, ва ҳар ду ишора мекунанд, ки як шахс дар хусуси омадани фалокат ба замин огоҳ карда шуд, ва баъди гирифтани огоҳӣ дар ин бора, ӯ барои худ ва аҳли оилаи худ киштӣ сохт ва баъд ҳайвонотро низ ба он гирифт – аз ҳар намуд якҷуфтӣ, нар ва мода, барои нигоҳ дошта шудани ҳамаи намудҳо. Ҳангоме ки обхезӣ ба охир расид ва сатҳи об паст шуд, киштӣ ба баландии кӯҳе фуруд омад, парандаҳо сар дода шуданд, то маълум шавад, ки оё сатҳи об ба қадри кофӣ паст шудааст. Пас аз обхезӣ ӯ ба Худо қурбонӣ кард, ва Худо онро иҷобат намуд ва ваъда дод, ки дар хусуси бехатарии ӯ ғамхорӣ хоҳад кард.

г) Ури Калдонӣ

То ҳафриёт дар Байнаннаҳрайн олимон дар бораи сатҳи фарҳангӣ ва тамаддуни ин минтақа дар замонҳои қадим бохабар набуданд. Аён буд, ки ин маҳалл замоне гулгулшукуфон буда, дарёҳои сероб дошт ва пойтахти халқи бисёр бофарҳанг буд. Ҳафриёт тасдиқ намуданд, ки дар гузаштаи дур ба ин ҷой шумерҳо омада, сокин шуданд ва тамаддуни олидараҷае бунёд намуданд. Шумерҳо политеист буданд. Ҳар як оила бути шахсии худро дошт. Ин ба мо рафтори Роҳелро мефаҳмонад, ҳангоме ӯ пеш аз он ки ҳамроҳи шавҳараш Яъқуб аз назди падараш Лобон гурезад, бутҳои оилавии ӯро дуздид (Ҳастӣ 31:30-37).

Ин ҳафриёт ҳамчунин бовар мекунонанд, ки Иброҳим на ин ки фақат як шайхи қабилаи бадавиёни хайманишин, балки аниқтараш ба халқи хеле бофарҳанг тааллуқ дошт, ки дар Ҳоррон зиндагӣ

мекард. Ин бо матни Китоби Муқаддас пурра мувофиқат мекунад (Ҳастӣ 11:28-31). Ҳангоме ки мо бо мусофирати тӯлонии Иброҳим шинос мешавем, мебинем, ки нахустпадар аз Ҳоррон, Байт-Ил ва Шакем гузашт – маҳз ҳамин шаҳрҳо дар Китоби Муқаддас номбар мешаванд. Ғайр аз ин, харобаҳои дар Фаластин ёфтшуда ҳаққонияти нақли Китоби Муқаддасро дар бораи маҳалле аз баҳри Мурда ба ҷануб, ки Иброҳим муддате дар он ҷо зиндагӣ карда буд, тасдиқ мекунанд; дар он замон он маҳал сарзабз ва сераҳолӣ буд.

д) Ҳикоят дар бораи Юсуф

Юсуф қурбонии бераҳмӣ ва ҳасади бародарон гардид. Онҳо ӯро ба Миср ба ғуломӣ фурӯхтанд, аммо азбаски ӯ бегуноҳ ва поквиҷдон буд, Худо ҳамаи инро ба фоидаи ӯ гардонд. Ӯ ҳусни таваҷҷӯҳи фиръавнро ба даст овард, ва фиръавн ӯро ба баландтарин вазифа дар Миср таъйин намуд. Ин ҳикоят бо лавҳачае ки дар мақбараи мисрии ашрофзода, ки ҳамзамони Юсуф буд, тасдиқ мешавад. Муҳаққиқон дар асоси ин сабт хулоса бароварданд, ки дар он замон гуруснагии сахт буд ва давлат ба мардум хӯрокворӣро, ки сарвари хазина дар солҳои фаровонӣ ҷамъ оварда буд, тақсим мекард. Дар ивазаш давлат тамоми моликияти хусусиро ба даст овард. Мӯҳтавои ин лавҳача бо он чи дар Ҳастӣ 47:18–22 навишта шудааст, мувофиқат дорад.

е) Асорати исроилиён дар Миср

Дар Миср муҷассамаи сангии замони Тутмоси III ёфт шудааст, ки исроилиёнро, ки барои фиръавн маъбад

месохтанд, тасвир менамояд. Ҳамчунин боқимондаҳои девор ёфт шудаанд, ки ғафсии он дар поён ба ҳашт фут баробар аст. Он аз хиштҳое ки аз омехтаи гил ва коҳи дар офтоб хушконида тайёр карда мешуд, сохта шуда буд, ки ин он чиро, ки дар Хуруҷ 5:7 тасвир ёфтааст, тасдиқ мекунад.

ж) Аз Миср баромадани исроилиён

Лавҳачаҳое ки дар Телл-ал-Амарна бо хати мехӣ ёфт шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки сарварони фалиштиён (Фаластин) ба фиръавн нома фиристода, бар зидди ҳуҷуми иброниён ном халқ ёрӣ дархост намудаанд.

з) Мусо ва Шариат

Дар байни олимон ақидае вуҷуд дошт, ки Шариат ба давраи пас аз Мусо тааллуқ дорад. Аммо ҳафриёте ки дар соли 1844 таҳти роҳбарии Морган гузаронда шуда буданд, маълумотҳои Китоби Муқаддасро оид ба он ки Шариатро ба исроилиён Мусо додааст, тасдиқ намуданд. Ҳамин чизро оид ба ҳуҷҷатҳои бебаҳои ёфтшуда дар қасри Шушан, ки дар китоби Эстер зикр шудааст, гуфтан мумкин аст – онҳо низ маълумотҳои Китоби Муқаддасро оид ба Шариати Мусо тасдиқ мекунанд.

и) Маълумотҳои Аҳди Қадим оид ба халқҳои қадимӣ

Дар Рас Шамра, ки аз шаҳри Лозиқияи Сурия каме шимолтар ҷойгир шудааст, харобаҳои шаҳри Угарит

ёфт шудаанд, ки 2000 сол пеш аз милод вуҷуд дошт. Садҳо лавҳачаҳои ёфтшуда маълумотҳои Китоби Муқаддасро оид ба ҳиттиён, ябусиён ва фариззиён пурра тасдиқ мекунанд.

к) *Лавҳачаҳои мисрӣ, ки мавҷудияти ҳиттиёнро муқаррар мекунанд*

То ба қарибиҳо олимон ба мавҷудияти ҳиттиён шубҳа доштанд, ки Иброҳим аз онҳо мағораи Махпелоро харид, то дар он ҷо занаш Сороро дафн намояд (Ҳастӣ 23:21). Ин шубҳа он вақт аз байн рафт, ки лавҳаҳои мисрӣ бо зикри ин халқ ёфт шуданд. Дар яке аз онҳо оид ба муҳорибаи байни лашкари Раамсиси II ва ҳиттиён дар наздикии Қодеш дар соли 1287 то милод гуфта шудааст.

## ШАҲОДАТИ ИСЛОМ

Қуръон ҳаққонияти Китоби Муқаддасро тасдиқ мекунад. Касоне ки онро хондаанд, аз шаҳодати равшани он, ки ҳеҷ гуна тафсирро наметалабад, ҳайрон шудаанд. Ин шаҳодат дар сураҳои Қуръон якчанд бор такрор мешавад, чунон, ки аз порчаҳои зерин аён мегардад:

«Мо Тавротро, ки дар он ҳидоят ва рӯшноист, нозил кардем. Паёмбароне, ки таслими фармон буданд, бинобар он барои яҳуд ҳукм карданд ва низ худошиносону донишмандон, ки ба ҳифзи китоби Худо маъмур буданд ва бар он гувоҳӣ доданд» (сураи 5:44).

«Ва аз пайи онҳо Исо писари Марямро фиристодем, ки тасдиқкунандаи Таврote буд, ки пеш аз ӯ фиристода будем ва Инҷилро, ба ӯ додем, ки дар он ҳидоят ва нур аст ва тасдиқкунандаи Тавротест, ки пеш аз он нозил карда шудааст ва барои парҳезгорон ҳидоят ва пандест» (сураи 5:46).

«Ва ин Китобро ба ростӣ бар ту нозил кардем, тасдиқкунанда ва ҳоким бар китобҳоест, ки пеш аз он будаанд. Пас, мувофиқи он чи Худо нозил кардааст, дар миёнашон ҳукм кун ва аз пайи хоҳишҳояшон марав, то он чиро ки аз ҳақ бар ту нозил шудааст, вогузорӣ» (сураи 5:48).

Дар порчаи якум оид ба дурустии Таврот, оид ба он гуфта мешавад, ки Таврот ҳидояти дуруст бар зидди хатоҳо ва нур ҳангоми дида баромадани корҳост, ки

пайғамбарон бояд мувофиқи Китоби Худо, ки онҳо шоҳидони ҳаққонияти он мебошанд, таҳқиқ намоянд. Дар порчаи дуюм гуфта мешавад, ки Масеҳ дурустии Тавротро тасдиқ намудааст ва таълимоти Ӯ – ҳидоят, нур ва огоҳӣ аст – он чиро ки пештар дар китобҳои Худо навишта шуда буд, тасдиқ мекунад. Дар порчаи сеюм Қуръон мегӯяд, ки Ваҳй ба Муҳаммад расонида шуд, ва бо ҳамин исбот мекунад, ки Навиштаи Муқаддас пеш аз ӯ вуҷуд дошт ва ӯ бояд нигаҳдорандаи он шавад, ва дар асоси дастурҳои Худо доварӣ намояд, ва бо ҳамин дурустии ҳар ду Аҳдро тасдиқ мекунад.

Барои тасдиқи Таврот ва Инҷил Қуръон пайравони онро даъват мекунад, ки онҳоро минбаъд ҳам пеш баранд: «Бигӯ: «Эй аҳли Китоб, шумо чизе нестед, то он гоҳ, ки Таврот ва Инҷил ва он чиро аз ҷониби Парвардигоратон бар шумо нозил шудааст, барпой доред» (сураи 5:68).

Қуръон ҳамчунин касонеро, ки ба Инҷил имон доранд, насиҳат мекунад, ки фармудаҳои дар китобҳои он бударо ба ҷо оваранд, ва касонеро, ки онҳоро сарфи назар мекунанд, ҳамчун беадолатон ва бешариатон тасвир менамояд. «Ва бояд, ки аҳли Инҷил мувофиқи он чи Худо дар он китоб нозил кардааст, ҳукм кунанд. Зеро ҳар кас ба  он чи Худо нозил кардааст, ҳукм накунад, аз нофармонон аст» (сураи 5:47).

«Эй касоне, ки имон овардаед, ба Худову паёмбараш ва ин китоб, ки бар паёмбараш нозил карда ва он китоб, ки пеш аз он нозил карда, ба ҳақиқат имон биёваред. Ва ҳар кӣ ба Худову фариштагонаш ва китобҳояш ва

паёмбаронаш ва ба рӯзи қиёмат кофир шавад, сахт дар гумроҳӣ афтодааст» (сураи 4:136).

Аз ҳамаи он чи гуфта шуд, бармеояд, ки:

а) Қуръон халқро даъват мекунад, ки фармудаҳои Таврот ва Инҷилро минбаъд ҳам пеш баранд. Ин, албатта, эътирофи дурустӣ ва пуррагии ин китобҳост, ки имондорро дар наҷот, ки адолат аст, устувор менамоянд ва оид ба рафтори инсон дастурҳои боэътибор доранд.

б) Қуръон ба ҳамаи имондорон, аз ҷумла ба мусулмонон мефармояд, ки ба Қуръон ва ба Китобе ки пеш аз он барои одамон ваҳӣ буд (яъне ба Таврот ва Инҷил), боварӣ намоянд. Дар он барои мусулмонон даъвати равшане ҳаст, ки Таврот ва Инҷилро қабул намоянд ва ва он боварӣ намоянд. Ин дар оятҳои зерин аст: «Инҳо касоне ҳастанд, ки ба онҳо китоби (осмонӣ) ва ҳикмати (раббонӣ) ва нубуввати (раҳмонӣ) додаем. Агар ин қавм ба он (се чиз) имон наёваранд, қавми дигареро ӯҳдадори он месозем, ки нисбат ба он куфр наметварзанд. Инҳо касоне ҳастанд, ки Худо ҳидояташон кардааст, пас ба равиши онҳо иқтидо кун» (сураи 6:89,90).

Қуръон салоҳияти Китоби Муқаддасро дар баҳодиҳии дуруст дар соҳаи рӯҳонӣ эътироф менамояд: «Чӣ гуна туро довар қарор медиҳанд, дар ҳоле ки Таврот, ки дарбаргирандаи ҳукми Худост, дар назди онҳост? Сипас аз ҳукми ту рӯй мегардонанд ва

инҳо имон наёвардаанд» (сураи 5:43). Ин порча нишон медиҳад, ки касе ки фармудаҳои Китоби Муқаддасро ба ҷо меоварад, ба ҳеҷ як китоби дигар эҳтиёҷ надорад. Ва мувофиқан, касе ки дар Китоби Худо мавҷуд будани ҳақиқатро донистa, аз он рӯ гардондааст, имондор нест.

«Бигӯ: «Агар рост мегӯед, аз ҷониби Худованд китобе биёваред, ки аз ин ду беҳтар роҳ бинамояд, то ман ҳам аз он пайравӣ кунам!» (сураи 28:49). Ин оят ба Муҳаммад мефаҳмонад, ки ба касоне ки таълимоти ӯро рад мекунанд, – чунон ки пештар Мусоро рад карда буданд, – чӣ ҷавоб диҳад: ӯ бояд аз онҳо талаб намояд, ки китоби дигари Худоро биёранд, ки дар он назар ба Китоби Муқаддас ва Қуръон дастури равшантаре бошад.

«Агар худ намедонед, аз (уламои) аҳли зикр (мӯъминони аҳли китоб) бипурсед, ки Мо пеш аз ту ба пайғамбарӣ нафиристодем, ғайри мардоне (на фариштагон), ки ба онҳо ваҳй мефиристодем, ҳамроҳ бо далелҳои равшан (мӯъҷизаҳо)» (сураи 16:43,44). Дар тафсири Ҷалолон гуфта шудааст: «Аҳли зикр касоне мебошанд, ки Таврот ва Инҷилро меомӯхтанд. Агар шумо чизеро надонед, онҳо медонанд, ва шумо шояд ба онҳо бештар бовар мекунед, назар ба онҳое ки ба Муҳаммад имон доранд» (Ҷалолон, саҳ. 357).

Ин порча шаҳодати равшанест оид ба он ки ҳавворией ва пайғамбарон, ки Китобро навиштаанд, ин корро таҳти роҳнамоии Рӯҳулқудс кардаанд. Ба монанди дигар оятҳои дар боло зикршуда,он тасдиқ мекунад, ки Қуръон Китоби Муқаддасро ҳидоят,

нур, хотира, фармудаи Худо ва самари илҳоми Худо меҳисобад. Худо ба мусулмонон мефармояд, ки он чиро намедонанд, аз мо пурсанд. Магар ин эътирофи аёни дурустӣ ва пуррагии Навиштаҳои Муқаддаси мо аз ҷониби Қуръон нест?

Онҳо бо он чи ҳаввориёни Масеҳ оид ба ҳаққоният ва илҳоми илоҳӣ доштани Китоби Муқаддас шаҳодат медиҳанд, мувофиқат доранд. Ҳаввории бузург Павлус, ки худро пурра ба Масеҳ бахшида буд, чунин навиштааст: «Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат фоиданок аст, то ки Марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад» (2Тим. 3:16,17).

Аз ҳамин сабаб масеҳиён Аҳди Қадимро, ки тақрибан дар соли 400-уми то милод ба анҷом расида буд, қабул мекунанд. Яҳудиён онро ба се қисм ҷудо мекунанд:

а) Таврот, ки аз панҷ китоби навиштаи Мусо иборат аст – Ҳастӣ, Хуруҷ, Ибодат, Ададҳо ва Такрори Шариат. Ин китобҳо аз худи аввал муқаддас, боэътибор ва сазовори эҳтиром ҳисобида мешуданд, ки даҳ фармудаи Худо ва ваъдаҳои Ӯро ба инсон дар бар мегиранд.

б) Пайғамбарон, ки ба ду қисм ҷудо карда мешавад: аввалан, китобҳои Еҳушаъ ибни Нун, Доварон, Самуил ва Подшоҳон, ва сониян, китобҳои Ишаъё, Ирмиё, Ҳизқиёл, Ҳушаъ, Юил, Омӯс, Убадё, Юнус, Мико, Наҳум, Ҳабаққуқ, Сафанё, Ҳаҷҷай, Закарё ва

Малокӣ.

в) Китоби «Навиштаҳо», ки аз Забур, Масалҳо, китобҳои Айюб, Дониёл, Эзро, Наҳемё, Ваҳоеъноначо, Суруди Сурудҳои Сулаймон, китоби Рут, Навҳаҳои Ирмиё, китобҳои Воиз ва Эстер иборат мебошанд.

Агар сухан дар бораи Аҳди Ҷадид равад, муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки онҳо ҳанӯз дар замони барҳаёт будани пайравони Масеҳ, ки Ӯро шунида ва дида буданд, навишта шудаанд. Аҳди Ҷадид аз чор Инҷил, Аъмоли Ҳаввориён, Номаҳои Павлус, Петрус, Юҳанно, Яъқуб ва Яҳудо ва Ваҳйи Юҳаннои Илоҳиётшинос иборат аст.

Инак номгӯи мухтасари мӯҳтавои Китоби Муқаддас, ки онро муқаддасон аз рӯи илҳоми Рӯҳулқудс навиштаанд. Худо бо ҷиддияти том онро ҳифз менамояд. Ӯ шахсони бениҳоят имондорро интихоб намуд, то ваҳйҳои Ӯро нависанд ва ба ҳамаи забонҳои ҷаҳон тарҷума кунанд. Шубҳае нест, ки тақрибан ба 1400 забон ва лаҳҷа тарҷума шудани Китоби Муқаддас далели он аст, ки Парвардигор Каломи Худро бо ҷиддияти том эҳтиёт мекунад ва абадан маҳфуз медорад.

Дар ҳақиқат, халқҳо меоянд ва мераванд, забонҳо аз байн мераванд ва ҷаҳон дигаргун мешавад, аммо Китоби Муқаддаси гаронбаҳо ҳамеша хоҳад буд, зеро дар он паёми Худо ба ҳар як инсон, ба ҳар як марду зан,

ба ҳар як писару духтар барои ҳамаи замонҳо ва барои ҳамаи маҳалҳои замин ҳаст. Ман хабарро оид ба наҷот ба воситаи Исои Масеҳ дар назар дорам, ки барои ҳама Як аст – барои сиёҳҳо ва сафедҳо, новобаста ба забон ва нажод. Дар Китоби Худо он қувваи ҳаётбахш ҳаст, ки ба ҳамаи касоне ки Исои Масеҳро бо имон ҳамчун Наҷотдиҳанда қабул мекунанд, қувват медиҳад, то ҳаёти муқаддасона ба сар баранд, ва онҳоро ба фарзандони Худо табдил медиҳад.



## САВОЛИ НОГУЗИР

Дар робита бо он чи дар боло зикр шуд, мо ба касоне ки Китоби Муқаддасро аз ҷиҳати илмӣ ва таърихӣ китоби носазовор меҳисобанд, савол медиҳем: Навиштаи Муқаддас кай, дар кадом вақт вайрон карда шудааст? Агар гӯянд, ки ин пеш аз Масеҳ буд, мо ҷавоб медиҳем, ки Масеҳ ҳаққонияти Навиштаи Муқаддасро ба таври зайл тасдиқ намудааст:

а) Ҳангоми иқтибос овардани нубувватҳо, ки дар онҳо оид ба Ӯ гуфта шудааст. Масалан, нубуввати Ишаъё, ки Масеҳ дар куништи Носира иқтибос овард, чунин аст: «Рӯҳи Парвардигор Худо бар Ман аст, зеро ки Парвардигор Маро тадҳин намудааст: Маро фиристодааст, то ки ба мискинон башорат диҳам, шикастадилонро шифо бахшам, озодиро ба асирон ва фатҳи зиндонро ба бандиён эълон намоям; соли таваҷҷӯҳи Парвардигор ва рӯзи интиқоми Худои моро эълон намоям, ҳамаи мотамзадагонро тасаллӣ бахшам» (Ишаъё 61:1,2). Луқо, муаллифи яке аз Инҷилҳо, хабар медиҳад, ки Масеҳ ин порчаро дар бораи Худ хонда, ба шунавандагон гуфт: «Имрӯз ин навишта, ки шумо гӯш кардед, ба иҷро расидааст» (Луқо 4:21).

б) Ҳангоме ки яҳудиёнро ба хондани Навиштаи Муқаддас ва амиқтар тадқиқ намудани он даъват менамуд: «Шумо навиштаҳоро тадқиқ мекунед, зеро гумон доред, ки ба воситаи онҳо ҳаёти ҷовидонӣ пайдо кунед, вале онҳо бар Ман шаҳодат медиҳанд» (Юҳанно 5:39).

в) Ҳангоме ки саддуқиёнро барои сарфи назар намудани Навиштаи Муқаддас накӯҳиш намуда, чунин мегуфт: «Магар гумроҳ нестед аз он рӯ, ки на Навиштаҳоро медонед, на қуввати Худоро?» (Марқус 12:24).

г) Ҳангоме ки Навиштаи Муқаддасро ҳамчун силоҳ барои зиддият ба васвасаҳои иблис истифода мебурд. Мо мехонем, ки Масеҳ васвасаҳои шайтонро дар маҳалли беодами он тарафи Урдун бо ёрии иқтибосҳо аз Китоби Муқаддас рад намуд. Ӯ ба васвасаи якум чунин ҷавоб дод: «Одамизод на танҳо бо нон зиндагӣ мекунад, балки бо ҳар калимае ки аз даҳони Парвардигор барояд, одамизод зиндагӣ мекунад» (Такрори Шариат 8:3). « Парвардигор Худои худро наозмоед » (Такрори Шариат 6:16). «Аз Парвардигор Худои худ битарс, ва Ӯро парастиш намо, ва ба номи Ӯ қасам бихӯр» (Такрори Шариат 6:13).

Ҳаввориёни Масеҳ, ба намунаи Устод пайравӣ намуда, дар Номаҳои худ Аҳди Қадимро иқтибос меоварданд. Масалан, нисбати марги Яҳудои Исқарютӣ онҳо аз Забур иқтибос оварданд: «Зеро дар китоби Забур навишта шудааст: “Манзили вай хароб гардад ва касе дар он сокин нашавад”; ва: “Ҷоҳу ҷалоли варо дигаре бигирад”» (Аъмол 1:20 ва Забур 108:8).

Ҳангоме ки онҳо дар рӯзи Пантикост аз Рӯҳулқудс пур шуданд, инро чунин фаҳмонданд: «Балки ин ҳамон чиз аст, ки Юили набӣ гуфтааст: “Ва дар рӯзҳои охир,

мегӯяд Худо, чунин хоҳам кард: Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт, ва писарону духтарони шумо нубувват хоҳанд кард, ва ҷавонони шумо рӯъёҳо ва пирони шумо хобҳо хоҳанд дид; ва ҳатто бар ғуломону канизони Худ дар он рӯзҳо Рӯҳи Худро хоҳам рехт, ва онҳо нубувват хоҳанд кард"» (Аъмол 2:16–18 ва Юил 2:28,29).

Оё имкон дорад, ки Масеҳ ва ҳаввориёни Ӯ, ки аз Рӯҳуққудс пур шуда буданд, барои фаҳмондан ва тасдиқ намудани ҳаввория ва таълимоти худ аз Навиштаи Муқаддаси таҳрифшуда иқтибос оварда, одамонро даъват мекарда бошанд, ки фармудаҳои онро ба ҷо оваранд? Кӣ ба гуфтани он ҷуръат мекунад, ки Масеҳ ва ҳаввориёни Ӯ дар хусуси сохтакорӣ шудани Китоби Муқаддас надониста, аз таҳриф шудани он бехабар, аз он иқтибосҳо меоварданд? Оё дар байни имондорон касе ёфт мешавад, ки чунин изҳор намояд, ва илҳоми илоҳӣ доштани ҳаввориён ва пайғамбаронро зери шубҳа гузорад, ва чунин ҳисобад, ки Худо ба маҳфуз дошта шудан ва тозагии Каломи Худ муносибати фориғболона кардааст. Зиёда аз ин, чунин нуқтаи назар Қуръонро низ зери партави нохуб мегузорад, зеро дар он бисёр ишораҳо оид ба ҳаққонияти Навиштаи Муқаддас ҳастанд.

Аммо агар касоне ки оид ба таҳриф карда шудани Китоби Муқаддас изҳор менамояд, гӯянд, ки яҳудиён баъди дар салиб кушта шудани Масеҳ Аҳди Қадимро ислоҳ кардаанд, мо ҷавоб медиҳем, ки инро амалӣ кардан ғайриимкон буд, зеро китобҳои Аҳди Қадим

дар дасти масеҳиён низ буданд, ва агар яҳудиён онро таҳриф кардани̅ шаванд, масеҳиён матни аслиро пешкаш менамуданд. Агар ҷонибдорони сохтакори̅ шудани Китоби Муқаддас гӯянд, ки онро масеҳиён ислоҳ кардаанд, мо ҳамчунин ҷавоб медиҳем, ки ин ғайриимкон аст, зеро дар ин маврид яҳудиён ин амали масеҳиёнро фош менамуданд.

Агар фарз кунем, ки ҳам яҳудиён ва ҳам масеҳиён ислоҳоти ба матни Муқаддас вориднамудаи якдигарро пинҳони̅ рӯпӯш кардаанд, боз ҳам бояд гуфт, ки ин ғайриимкон аст. Яҳудиён аз худи аввал зидди масеҳият буданд ва омадани Масеҳро рад мекарданд – онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ бо масеҳиён ягон хел созиш намекарданд. Агар дар ҳақиқат чунин созиш ҷой медошт, магар яҳудиён талаб намекарданд, ки ҳамаи он чи ба ситоиши Масеҳ, зикри Илоҳияти Ӯ дахл дорад, ва он чи пайғамбарон оид ба Ӯ ва оид ба таҷассум ёфтан ва таваллудшавии мӯъҷизаосои Ӯ, ва низ азобҳо, марг ва зиндашавии Ӯ гуфтаанд, дур кунанд? Аммо азбаски ҳамаи ин ҷойҳои Навишта, ки Масеҳро ситоиш мекунанд, дар Китоби Муқаддас боқи̅ мондаанд, чунин изҳорот асос надоранд.

Боз як чиз ҳаст, ки ҷонибдорони назарияи таҳриф карда шудани Китоби Муқаддас рад карда наметавонанд: аллакай дар ибтидои масеҳият китобҳои Аҳди Қадим ҳам дар дасти масеҳиён, ҳам дар дасти яҳудиён ба ҳамон забоне буданд, ки муқаддасони Худо онро навиштаанд. Олимон нусхаҳои дар дасти масеҳиён ва яҳудиён будаеро бо ҷиддияти том муқоиса намуда,

дарёфтанд, ки онҳо як мебошанд (пурра мувофиқат доранд). Зиёда аз ин, мо ҳақ дорем аз касоне ки Китоби Муқаддасро таҳрифшуда меҳисобанд, пурсем: Инҷил кай сохтакорӣ шудааст? Пеш аз Қуръон ё баъд аз он? Агар пеш сохтакорӣ шуда бошад, Қуръон ин шахсонро ба ҳолати ногувор мемононад, зеро он ба Муҳаммад мефармояд, ки аз касоне ки Китоби Муқаддасро мехонанд, мадад ҷӯяд, то ки аз шубҳаҳо барканор бошад: «Агар дар он чи бар ту нозил кардаем, дар шубҳа ҳастӣ, аз онҳое, ки китоби осмонии пеш аз туро мехонанд, бипурс» (сураи 10:94). Азбаски Худо ҳамадон аст, барои бартараф намудани ягон хел шубҳаҳои Муҳаммад, ҳамчун маъхаз истифода бурдани китоби таҳрифшударо ба ӯ тавсия додан ба бузургии Худо мувофиқат надорад.

Дар хусуси ҳаққонияти Китоби Муқаддас шаҳодат дода, Қуръон давом медиҳад: «Ва ин Китобро ба ростӣ бар ту нозил кардем, тасдиққунанда ва ҳоким бар китобҳоест, ки пеш аз он будаанд» (сураи 5:48).

Агар «сохтакорӣ» пас аз Қуръон рӯй дода бошад, касоне ки чунин мегӯянд, бо ин изҳороти худ нишон медиҳанд, ки Қуръон вазифаи нигаҳдорандаро ба ҷо наовард. Дигар хел карда гӯем, агар Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид пас аз Қуръон сохтакорӣ шуда бошанд, ин изҳорот айбдоркунии халқи Қуръон аст, ки нисбати ӯҳдадории муҳимтарини худ фориғболона муносибат намудаанд. Дар ҳадди ақалл, халқи Қуръон бояд як ё якчанд нусхаҳои ҳар ду Аҳдро дар шакли ибтидоияшон маҳфуз медоштанд, зеро агар посбонон

мавҷуд бошанд, пас бояд ҳамчунин он чи онҳо посбонӣ мекунанд, мавҷуд бошад.

Ин вазифаро масеҳиён ба ҷо овcovered. Чун онҳо диданд, ки дар Аҳди Қадим оид ба Масеҳ, Худованди онҳо, пешгӯиҳо ҳастанд, онҳо ба посбонии пуррагии Таврот пардохтанд ва ҳама кори аз дасташон меомадаро карданд, то ки он дар тамоми олам паҳн шавад. Он ба 1400 забон тарҷума шудааст! Чаро мусилмонон худи ҳамин корро накарданд, агар боварӣ дошта бошанд, ки дар Таврот ва Инҷил пешгӯиҳо ва маълумотҳо оид ба Муҳаммад ҳастанд?

Таҳлили мавзӯъро ба охир расонда, мо чунин савол дода метавонем: Агар мусулмонон, ки Қуръонро қатъиян риоя мекунанд, қарор медоданд, ки аз аҳли Китоб дар бораи баъзе масъалаҳои назариявӣ саволҳо диҳанд ва дар роҳ гурӯҳеро, ки ба дурустии Китоби Муқаддас боварӣ надоранд, вохӯрда, ба онҳо мегуфтанд: «Мо назди аҳли Китоб меравем, зеро Қуръон ба мо мефармояд, ки дар мавриди нофаҳмиҳо аз онҳо баъзе чизҳоро пурсем», наход касони дар роҳ бо онҳо вохӯрда ҷуръат карда, мегуфта бошанд: «Назди онҳо наравед, Китоби онҳо нодуруст, сохтакоришуда аст». Агар онҳо чунин мегуфтанд, имондорон чӣ кор мекарданд? Оё онҳо ба касоне бовар мекарданд, ки Китоби Муқаддасро сохтакоришуда меҳисобанд, ё ба Қуръон бовар мекарданд, ки дар он навишта шудааст: «Агар худ намедонед, аз (уламои) аҳли зикр (мӯъминони аҳли китоб) бипурсед»?

Аз ин ҷо саволи зерин ба миён меояд: Ҳар як

мусулмоне ки ба сохтакорӣ шудани Китоби Муқаддас боварӣ дорад, ба суханони зерини Қуръон чӣ гуна муносибат мекунад: «Ин аст ҳамон китобе, ки дар он ҳеҷ шакке нест. Парҳезгоронро раҳнамост: онон, ки ба ғайб имон меоваранд ва намоз мегузоранд ва аз он чи рӯзияшон додаем, инфоқ (харҷ) мекунанд. Ва онон, ки ба  он чи бар ту ва бар паёмбарони пеш аз ту нозил шудааст, имон меоваранд ва ба охират яқин доранд» (сураи 2:1–4). «Бигӯед: «Мо ба Худо ва оёте, ки бар мо нозил шуда ва низ  он чи бар Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва сибтҳо нозил омада ва низ он чи ба Мусо ва Исо фиристода шуда ва он чи бар паёмбарони дигар аз ҷониби Парвардигорашон омадааст, имон овардаем. Миёни ҳеҷ як аз паёмбарон фарқе намениҳем ва ҳама дар баробари Худо таслим ҳастем» (сураи 2:136).

Чаро чунин шуд, ки Қуръон ба касоне ки ба Ваҳйи Худо имон доранд, мефармояд, ки байни Қуръон ва Китоби Муқаддас фарқ нагузоранд, агар Китоби Муқаддас сохтакорӣ ва таҳриф шуда бошад? Магар ин изҳорот оид ба таҳриф ва сохтакорӣ шудани Наиштаи Муқаддас ва Инҷил айбдоркунӣ бар зидди адолат, ростгӯӣ, ва софдилии Худо нест?

Ба таърих мурочиат мекунем. Ҳар касе ки таърихро омӯхтааст, медонад, ки масеҳиён, аз замони ҳавворийён то ибтидои асри чоруми милодӣ аз ҷониби бутпарастон ва яҳудиён таъқиб карда мешуданд ва ба азобҳо гирифтор карда мешуданд. Онҳо ба ҳамаи ин бо пурсабрӣ тоб оварданд. Тамоми ҷаҳон ва хусусан

таъқибкунандагон аз ин пурсабиии онҳо ҳайрон буданд. Ин устуворӣ аз боварии онҳо ба Инҷили Муқаддас ва садоқати онҳо ба идеалҳои муқаддас бармеомад.

Таърихшиносон шаҳодат медиҳанд, ки масеҳиён аз боиси муҳаббат ба Масеҳ ва итоат ба фармудаи Ӯ, ки «то ҳадди марг вафодор бошед» гуфтааст, ба азобҳо хушнудона тоб меоварданд. Бисёрии онҳо гирифтори вазнинтарин азобҳо ва ҷазоҳо гардида буданд, чунки аз Масеҳ ва таълимоти Ӯ даст кашидан нахостанд, ва ҳама гуна маргро аз ҳаловати муваққатии зиндагӣ афзал донистанд.

Солномаҳои масеҳиятро кушоед, ва зикри бисёр шоҳидонро меёбед, ки ба азобҳову шиканҷаҳо гирифтор гардиданд, аммо ба халосӣ аз азобҳо розӣ нашуданд, зеро умед доштанд, ки дар оянда эҳё хоҳанд шуд. Оё бовар кардан мумкин аст, ки масеҳиён, ки ба хотири идеяҳои Инҷил фидокориҳои бузург намуда, ба чунин азобу шиканҷаҳои бардавом тоб овардаанд, ба таҳриф ва сохтакорӣ намудани Инҷил ҷуръат мекарда бошанд?

Оё масеҳиён ба ягон кас, новобаста ба ақидаҳои ӯ, имкон медоданд, ки каломро оид ба файзи Худо ислоҳ кунад, дар ҳоле ки ҳаввориён ба онҳо чунин фармуда бошанд: «Лекин агар ҳатто мо ё фариштае аз осмон Инҷиле бар хилофи он чи мо ба шумо башорат додаем, ба шумо башорат диҳад, малъун бод» (Ғалотиён 1:8).

Аз ҷонибдорони «сохтакорӣ» шудани Китоби Муқаддас чунин пурсидан мумкин аст: Чӣ чиз масеҳиёнро маҷбур кард, ки Китоби Муқаддасашонро

ислоҳ кунанд? Оё ягон сабаби водоркунанда ҳаст, ки дар назари онҳо аз ҳаёти абадӣ афзалтар бошад? Худованд ва Наҷотдиҳандаи онҳо, ки онҳо рӯҳ ва хун ва ҳамаи чизи барояшон арзишнокро ба Ӯ додаанд, аҳди худро бо онҳо бо огоҳие устувор намудааст, ки ба воситаи ҳаввории Юҳанно расонида шудааст: «Ман низ ба ҳар касе ки суханони нубуввати ин китобро мешунавад, шаҳодат медиҳам: агар касе ба онҳо чизе илова намояд, Худо ба ӯ балоҳое илова хоҳад кард, ки дар бораи онҳо дар ин китоб навишта шудааст. Ва агар касе аз суханони ин китоби нубувват чизе кам кунад, Худо насиби ӯро аз дарахти ҳаёт ва аз шаҳри муқаддас ва аз ҳар чизе ки дар ин китоб навишта шудаст, кам хоҳад кард» (Ваҳй 22:18,19).

Агар ҷонибдорони «сохтакорӣ» шудани Китоби Муқаддас гӯянд, ки сохтакориҳо баъди пайдо шудани Қуръон ба ҷо оварда шудаанд, изҳороти беасоси онҳо дар партави фактҳои зерин эътибори худро гум мекунанд:

а) Масеҳият дар бисёр кишварҳо паҳн шуда буд – Осиёи Хурд, Арабистон, Форс (Эрон), Африқои Шимолӣ, Ҳинд, Италия, Фарансо, Испания, Англия, Олмон. Магар фарз кардан мумкин аст, ки масеҳиёни ин кишварҳои дур аз ҳамдигар рӯзе бо ҳам ҷамъ шуда, оид ба тағйир додани Инҷил маслиҳат карда бошанд?

б) Касоне ки дар ин кишварҳо масеҳиятро қабул карданд, ба ҳамон як забон гап намезаданд. Китоби

Муқаддас ба бисёр забонҳо тарҷума шуда буд, ва ин дар хусуси таҳриф намудани Китоби Муқаддас забон як карданро ғайриимкон мегардонд, хусусан агар ба назар гирем, ки ин одамон забони якдигарро намедонистанд.

в) Дар асри чоруми милодӣ масеҳиён ба бисёр фирқаҳо тақсим шуда буданд, ки догмаҳои гуногунро пайравӣ менамуданд. Ва ҳар яке кӯшиш мекард, ки дурустии донтринаи худро бо матнҳои Инҷил тасдиқ намояд. Оид ба тафсири ин ё он порчаи Инҷил бисёр баҳсу мунозираҳо буданд ва барои ҳаллу фасли масъалаи фарқиятҳо дар доктринаҳо машваратҳои калисоӣ (анҷуманҳои калисоӣ) даъват карда мешуданд. Яке аз машҳуртарин анҷуманҳо анҷуман дар шаҳри Нис (ҷануби Фаронсо) буд, ки дар он бидъати Арий ва пайравони он лаънат хонда шуд.

Дар ин замина изҳорот оид ба он ки масеҳиён бо мақсади таҳриф намудани Аҳди Ҷадид пинҳонӣ забон як кардаанд, устувор монда наметавонад. Ба касоне ки Китоби Муқаддасро «таҳрифшуда» меҳисобанд, мо чунин савол дода метавонем: Чунин таҳриф ва сохтакорӣ дар куҷо ва кай рӯй додааст ва ҷинояткорон чӣ гуна ба як фикри умумӣ омаданд?

Дар ҷаҳон ҳеҷ гоҳ таърихшиносони бовиҷдон, ростгӯ, ки худро ба сабти воқеаҳои ҷаҳон бахшидаанд, кам набуданд. Оё касе ягон таърихшиноси бутпараст, мусулмон ё яҳудиро номбар карда метавонад, ки мувофиқи маълумоти ӯ, дар ягон маҳалле вохӯрии

одамон аз кишварҳои гуногун баргузор гардида буд, ки пайравони масеҳият ва яҳудият буда, ба забонҳои гуногун гап мезананд, ва дар он вохӯрӣ Каломи Худо таҳриф карда шуд? Агар фарз кунем, ки чунин вохӯрӣ рӯй дода буд, чӣ тавр чунин шуда метавонист, ки як ё якчанд нусхаи асари ӯ ҳамчун шаҳодати забон як кардани яҳудиён ва масеҳиён боқӣ намондааст?

Ва албатта, агар чунин забон як кардан дар ҳақиқат ба амал омада бошад, ин маънои онро медошт, ки дар ивази таҳриф кардани Каломи Худо баҳсу мунозираҳои байни яҳудиён ва масеҳиён ба охир расидааст.



# ОЛИМОНИ МУСУЛМОН ДАР БОРАИ «ТАҲРИФ» ЧӢ МЕГӮЯНД?

Аз он чи дар боло зикр шуд, аён аст, ки Қуръон Таврот ва Инҷилро ҳамчун Каломи Худо эътироф мекунад ва махсусан таъкид мекунад, ки тағйир додани он ғайриимкон аст. Аммо – агар ин шаҳодати дукаратаи хаттӣ ба одамон ҳаққонӣ бошад, хулосае бояд бароварда шавад, ки бе шубҳа, бо амр аз олами боло, на пеш аз Қуръон, на пас аз он, ҳеҷ кас Таврот ва Инҷилро тағйир дода наметавонист.

Дар ҳақиқат, муҳаққиқони исломӣ дар Ҳиндустон, масъалаи баррасишавандаро дар партави мӯҳтавои Қуръон омӯхта, ба хулосае омаданд, ки ҳар ду китоб – ҳам Аҳди Қадим, ҳам Аҳди Ҷадид – ба ҳеҷ гуна сохтакорӣ, дигаргункунӣ ё ивазкунӣ дучор нашудаанд, бинобар он инро пурра исботшуда ҳисобидан мумкин аст; аммо нишонаҳои он ҳастанд, ки баъзе яҳудиён ин китобҳоро нодуруст тафсир мекарданд.

Ин олимони бениҳоят имондор хулосаҳои худро дар тафсирҳои Ар-Розӣ, Ал-Ҷалолон ва Абу-Ҷаъфар ат-Табарӣ барин муҳаққиқони исломӣ ба баъзе матнҳои Қуръон асоснок кардаанд. Дар зер мо баъзе аз ин матнҳоро меоварем.

«Баъзе аз яҳудиён каломро ба маънӣ дигаргун мекунанд ва мегӯянд: «Шунидем ва нофармонӣ мекунем ва бишнав ношуниданиеро ва «роино» ба луғати хеш забонро пахш мекарданд ва ба дин зарба мезананд» (сураи 4:46).

Моҳияти маънидоде ки Ар-Розӣ ба порчаи боло медиҳад, ин аст: Як гурӯҳ яҳудиён назди Муҳаммад меомаданд, то ба саволҳои худ ҷавоб ёбанд, ва Муҳаммад ба онҳо ҷавоб медод. Аммо пас аз ин онҳо ҷавобҳои ӯро таҳриф менамуданд.

Ал-Ҷалолон порчаи болоро чунин тафсир медиҳад: Як гурӯҳ яҳудиён маънои ҳақиқии суханони дар Таврот бударо, хусусан он суханонро, ки ба Муҳаммад дахл доранд, вайрон карданд. Ба фармони Муҳаммад онҳо мегӯянд: «Он чиро, ки ту мегӯӣ, мо мешунавем, аммо итоат намекунем». Онҳо ҳамчунин мегӯянд: «Гӯш мекунем, аммо намешунавем», ва дар назар доранд, ки «Ту ҳеҷ гоҳ чизеро нашунидаӣ». Ниҳоят, онҳо ба ӯ гуфтанд: «Роино», ки ба забони арабӣ чунин маъно дорад: «Моро гӯш кун», аммо дар забони онҳо ҳамчун лаънат истифода мешавад. Ҳамин тариқ, онҳо бо забони худ таҳриф карда, дар ҳаққи ислом бадгӯӣ мекунанд (Ҷалолон).

Дар тафсирҳои ат-Табарӣ мехонем: «Яҳудиён муқаддасотро таҳқир намуда, Муҳаммадро бо суханони бадтарин меранҷонданд ва мегуфтанд: "Моро гӯш кун, чун касе ки намешунавад", чунон ки касе ба дигаре таҳқиромез чунин гуфта метавонад: "Гӯш кун! Худо туро кар карда метавонад!"» Аммо калимаи «Роино»-ро ӯ ҳамчун «шунидани суханҳои нодуруст» мефаҳмонад.

Мувофиқи тафсирҳои овардашуда, яҳудиён ҳеҷ чизро аз матни Китоб дур накардаанд ва ба он аз худ ҳеҷ чиз илова накарданд; ҳамаи он чи онҳо кардаанд,

тағйир додани маънои калимаҳо ба воситаи тарзи гуфтор буд (Ат-Табарӣ 8:433).

«Эй аҳли Китоб, паёмбари Мо назди шумо омад, то бисёре аз китоби Худоро, ки пинҳон медоштед, бароятон баён кунад ва аз бисёре даргузарад» (сураи 5:15).

Ар-Розӣ дар маънододи ин оят мегӯяд, ки ин ба яҳудиён дахл дорад, ки ҳангоми хондани Таврот (Такрори Шариат 22: 23,24) забонро таҳриф карда, мазмуни «сангсор карда куштан»-ро ба «тозиёна задан» дигаргун кардаанд.

Ат-Табарӣ дар хусуси матни овардашуда менависад, ки яҳудиён назди Муҳаммад омаданд, то аз ӯ оид ба маънои суханони «сангсор кардан» пурсанд. Онҳо ҳама ба хона даромаданд ва саволи худро доданд. Муҳаммад аз онҳо пурсид:

«Кадоми шумо донишмандтар аст?» Онҳо ба Ибн Суриа ишора карданд. Муҳаммад аз ӯ пурсид: «Оё рост аст, ки ту донишмандтарини онҳо ҳастӣ?» Ибн Сурия ба Муҳаммад пешниҳод намуд, ки ба ӯ дилхоҳ савол диҳад. Муҳаммад саволи худро такрор кард: «Оё ту аз байни ҳозирон донишмандтарин ҳастӣ?» Ибн Суриа ҷавоб дод: «Онҳо чунин мегӯянд». Муҳаммад аз ӯ талаб кард, ки бо Он ки Тавротро ба Мусо дод, ба Он ки ба кӯҳи Сино баромад, қасам хӯрад; бо аҳдҳое ки ӯ гирифтааст, қасам хӯрад, то даме ки Ибн Суриа ба изтироб омада, (гуфт) иқрор шуд: «Занҳои мо зебоянд, бинобар ин сангсоркунӣ дар байни мо торафт зиёдтар

воқеъ мешавад. Бинобар ин, барои наҷот додани ҷонҳои онҳо, мо фармударо кӯтоҳ карда, бо сад зарбаи тозиёна ё занҷир ва тарошидани мӯй ҷазо медиҳем». Он гоҳ Муҳаммад ба онҳо фармуд, ки гуноҳкоронро сангсор кунанд (Ат-Табарӣ 11:611).

«Вақте ки мегӯянд, ки Худо ба ҳеҷ инсоне чизе нозил накардааст, Худороöнчунон, ки лоиқи ӯст, нашинохтаанд, бигӯ: «Китоберо, ки Мусо барои рӯшноӣ ва ҳидояти мардум овард, чӣ касе бар ӯ нозил карда буд? Онро бар коғазҳо навиштед, порае аз онро ошкор месозед, вале бештаринро пинҳон медоред» (сураи 6:91).

Ал-Байдовӣ, Ар-Розӣ ва Ат-Табарӣ бо ҳам розӣ ҳастанд, ки таҳрифе ки ин ҷо дар назар дошта шудааст, дар пинҳон кардани як қатор фактҳо ба воситаи нигоҳ доштани баъзе матнҳои Таврот аст. Онҳо зикр кардаанд, ки яҳудиён Тавротро дар лӯлапечҳои пергамент рӯйнавис карда, бисёре аз он чиро, ки навиштаанд, аз одамон пинҳон доштаанд.

Аммо онҳо ҳамчунин бисёреро аз он чи рӯйнавис карданд, пинҳон доштаанд. Мо розӣ ҳастем, ки ин амали нангин аст. Аммо «пинҳон доштан»-и пергаментҳо аз «таҳрифи матн» тамоман фарқ дорад.

«Оё тамаъ медоред, ки ба шумо имон биёваранд ва ҳол он ки гурӯҳҳое аз онҳо каломи Худоро мешуниданд ва бо он ки ҳақиқати онро меёфтанд, тағйираш мекарданд ва аз кори хеш огоҳ буданд?» (сураи 2:75).

Ба ин матн Ат-Табарӣ чунин тафсир медиҳад: «Баъзе

сардорони Исроил ба Мусо муроҷиат намуданд: “Мо Худоро (ҷалла ҷалолуҳу) дида наметавонем, имкон деҳ, ки ҳангоме Ӯ бо ту гап мезанад, мо овози Ӯро шунавем”. Мусо аз Худо иҷозат хост, ва Худо ба ӯ гуфт: “Бигузор онҳо пок шаванд ва либосҳояшонро пок кунанд ва аз дур мушоҳида намоянд”. Яҳудиён ҳамин тавр карданд, ва Мусо онҳоро бо худ ба кӯҳи Сино бурд. Ҳангоме ки онҳоро абр фаро гирифт, Мусо амр дод, ва ҳама дар замин дароз кашиданд. Баъд Худо бо Мусо гап зад, ва онҳо каломи Ӯ, амру наҳйи Ӯро шуниданд ва он чиро, ки шуниданд, фаҳмиданд. Пас аз ин Мусо бо сардорон ба назди Исроил баргашт. Ҳангоме ки онҳо ба назди халқ омаданд, баъзе сардорон он чиро, ки Парвардигор риояи онро ба онҳо фармуда буд, таҳриф намуданд».

Аз маводи дар боло овардашуда мо мебинем, ки баъзе сардорони Исроил маънои суханони шунидаашонро, пас аз он ки онҳоро фаҳмиданд, тағйир доданд, аммо дигарон дар он чи шуниданд, устувор монданд (Ат-Табарӣ 1:334).

«Он яҳудон, ки гӯш месупоранд, то дурӯғ банданд ва барои гурӯҳе дигар, ки худ назди ту намеоянд, суханчинӣ мекунанд ва сухани Худоро дигаргун месозанд» (дар контекст)» (сураи 5:41).

Ал-Ҷалолон ин порчаро чунин мефаҳмонад: «Дар ин оят оид ба гурӯҳи яҳудиён гуфта мешавад, ки ҷуфти оиладорро барои зино сангсор кардан намехостанд. Онҳо як гурӯҳ намояндагонро назди Муҳаммад фиристоданд, то оид ба маънои он амале ки дар Таврот зикр шудааст, пурсанд. Таҳрифе ки онҳо дар он айбдор карда мешаванд, аз он иборат аст, ки

онҳо ба намояндагони худ чунин гуфта буданд: «Агар Муҳаммад ҷазоро ҳамчун “тозиёна задан“ маънидод кунад, қабул намоед, ва агар ҳамчун “сангсор кардан” маънидод намояд, қабул накунед» (Ҷалолон 150).

Савол ба миён меояд: Кадоме аз яҳудиён Тавротро «сохтакорӣ» кард ва кай? Ар-Розӣ мегӯяд, ки ин корро ҳамзамонон кардаанд. Аммо ӯ дар ҷилди сеюми тафсири худ ба Қуръон мегӯяд, ки «сохтакорӣ» кардан – матнро хонда, маънои ҳақиқии суханонро бо тарҷумаи нодуруст ва бо суханбозиҳои моҳирона таҳриф намуда, шубҳаҳои беҳуда ба миён овардан аст, чунон ки дар ҳамаи замонҳо бидъаткорон бо матнҳое ки ба ақидаҳои онҳо мухолифат доштанд, мекарданд.

Мо ба ҳеҷ ваҷҳ яҳудиёнро ҳимоя намекунем, мо фақат он фактро ба ҳамагон маълум намудан мехоҳем, ки яҳудиён ҷуръат накарданд матни Тавротро дигаргун намоянд, ва дар айбдоркуниҳои Қуръон ин чиз дар назар дошта нашудааст. Мо боз таъкид кардан мехоҳем, ки Қуръон ҳеҷ гоҳ масеҳиёнро дар сохтакорӣ ё таҳрифи Инҷил айбдор накардааст.

Дар ҳар ҳолат ба ҳар касе ки матни Китоби Муқаддаро таҳрифшуда меҳисобад ва беасос мегӯяд, ки матни ҳақиқии Китоби Муқаддас ба мо дастрас нест, мо мегӯем, ки чунин изҳорот ба Қуръон мухолифат дорад, зеро Қуръон возеҳу равшан шаҳодат медиҳад, ки Китоби Муқаддас дуруст аст ва таҳриф нашудааст.

## Тафтиш

Хонандаи азиз: Пас аз он ки ту ин китобчаро хондӣ ва аз мӯҳтавои он бохабар гардидӣ, мо ба ту хулосаи мухтасари ин манидодро дар шакли саволҳо пешкаш менамоем, то ки ту дониши худро тафтиш карда тавонӣ. Мо номаи туро бо ҷавобҳо ва саволҳо интизорем ва ба ту яке аз китобҳоямонро ҳамчун тӯҳфа мефиристем.

1. Мӯҳтавои нубуввате ки дар охири Китоби Муқаддас навишта шудааст, аз чӣ иборат аст?
2. Нӯҳ чиро ва дар кадом аср мавъиза менамуд?
3. Аз кадом китоб сар карда, Навиштаи Муқаддас воқеаҳоро ба таври муфассал сабт намудааст?
4. Эзро ва Наҳемё дар давраи подшоҳии Артаҳшасто, подшоҳи Форс, худро ба чӣ бахшида буданд?
5. Яке аз шаҳодатҳои бисёри Худоро ҳамчун факр дар ёд нигоҳ дор, ки Ваҳйи Ӯ ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад!
6. Яке аз бисёр шаҳодатҳои Худоро ба пайғамбарон дар ёд нигоҳ дор!
7. Яке аз бисёр шаҳодатҳои пайғамбарон ва ҳаввориёнро оид ба он ки Худо бо онҳо гап мезад, дар ёд нигоҳ дор!
8. Чи қадар дастхатҳои қадимии Китоби Муқаддас дар ихтиёри Калисои масеҳӣ ҳастанд ва онҳо чӣ ном доранд?
9. Чӣ қадар лӯлапечҳои қадимии Китоби Муқаддас то ҳол ёфт шудаанд?
10. Як лӯлапечи Китоби Муқаддас ва санаи навишта

шудани онро дар ёд нигоҳ дор!

11. Бостоншиносӣ шаҳодати гаронбаҳои Китоби Муқаддасро дорад. Ба фикри ту, ин кадом шаҳодат аст?
12. Як сураи Қуръонро, ки ҳаққонияти Китоби Муқаддасро тасдиқ мекунад, дар ёд нигоҳ дор.
13. Аҳди Қадими Китоби Муқаддас ба кадом қисмҳо ҷудо мешавад?
14. Аҳди Ҷадид аз чанд китоб иборат аст?
15. Як сураи Қуръонро, ки «сохтакорӣ» шудани Китоби Муқаддасро инкор мекунад, дар ёд нигоҳ дор!
16. Муҳаққиқони исломӣ дар Ҳиндустон ба кадом боварӣ омаданд?

Мо мактуби туро бо ҷавобҳоят интизорем. Агар ба 12 саволи дар боло зикршуда дуруст ҷавоб диҳӣ, мо ба ту яке аз китобҳоямонро ҳамчун тӯҳфа мефиристем.